# Шарҳи моҳонаи таваррум • АПРЕЛИ 2024

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи апрели соли 2024 0,3 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба моҳи гузашта 0,5 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.**

## Таварруми хӯрокворӣ

Саҳми маҳсулоти хӯрокворӣ дар таварруми ҳосилшуда 0,28 б.ф.-ро ташкил намуда, афзоишёбии нархи он бошад, ба 0,6 фоиз баробар гардид.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ асосан болоравии нархи маҳсулоти нонӣ 1,1 фоиз, (нони гандумӣ 2,4 фоиз ва биринҷ 2,0 фоиз), меваҷот 3,3 фоиз (нок 21,1 фоиз, себ 12,6 фоиз ва лиму 8,9 фоиз), маҳсулоти гӯштӣ 1,4 фоиз (гӯшти гов 1,7 фоиз ва гӯшти гӯсфанд 2,4 фоиз) ва сабзавот 0,9 фоиз (сабзӣ 9,5 фоиз, карам 7,6 фоиз ва картошка 2,1 фоиз) ба назар расид.

## Таварруми ғайрихӯрокворӣ

Дар сохтори таваррум молҳои ғайрихӯрокворӣ дар моҳи ҳисоботӣ ба андозаи 0,1 фоиз раванди болоравӣ дошт (саҳми он бошад, 0,03 б.ф.-ро ташкил намуд), ки асосан аз ҳисоби болоравии нархи бензини АИ-92 0,5 фоиз, маводи доруворӣ 0,2 фоиз ва либосу пойафзол 0,2 фоиз ба вуқӯъ пайваст.

## Таварруми хизматрасонӣ

Арзиши хизматрасониҳои пулӣ, ки ба аҳолӣ расонида мешавад, дар моҳи апрели соли ҷорӣ дар сатҳи мӯътадил қарор дошта бетағйир ҷамъбаст гардид.

Мавриди зикр аст, ки тағйирёбии сатҳи нархҳо дар моҳи баррасишаванда асосан аз ҳисоби омилҳои дорои хусусияти мавсимӣ ва берунидошта ба амал омад.

**Таварруми солона бошад, дар моҳи апрели соли 2024 ба 3,4 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли гузашта бетағйир мебошад.**

Дар моҳи апрели 2024 сатҳи таварруми солона дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 69,8 фоиз, Қазоқистон 8,7 фоиз, Россия 7,8 фоиз, Беларус 5,6 фоиз, Қирғизистон 5,2 фоиз,

**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррум (солона. моҳи апрели солҳои 2020-2024, бо %)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таварруми моҳона ва солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии сатҳи таваррум ва таварруми аслӣ (солона, бо %)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



Гурҷистон 1,5 фоиз ва Арманистон -0,7 фоизро ташкил менамояд.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи апрели соли равон 0,2 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона бошад, ба 2,0 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади ноил гардидан ба нишондиҳандаи мақсадноки пешбинишуда бо истифода аз фишангҳои монетарӣ татбиқи сиёсати пулию қарзиро ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум идома хоҳад дод.**

**Сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа (бо фоиз)**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)

| Кишварҳо | Таварруми моҳона (апрел с. 2024) | Таваррум янв.-апр. с.2024 | Таварруми солона (апрел с.2024) |
|---|---|---|---|
| Туркия | 3,2 | 18,7 | 69,8 |
| Ӯзбекистон | 0,9 | 2,6 | 8,1 |
| Қазоқистон | 0,6 | 3,2 | 8,7 |
| Арманистон | 0,6 | 0,8 | -0,7 |
| Россия | 0,5 | 2,5 | 7,8 |
| Беларус | 0,4 | 2,6 | 5,6 |
| **Тоҷикистон** | **0,3** | **1,9** | **3,4** |
| Гурҷистон | 0,3 | 0,6 | 1,5 |
| Қирғизистон | 0,2 | 1,4 | 5,2 |

[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)* | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Вазн,% | 2022 | | | | | 2023 | | | | | 2024 | | | | Апрел тағйирёбии моҳона, % |
| | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **7,8** | **7,3** | **8,3** | **5,7** | **4,2** | **4,3** | **3,6** | **2,4** | **5,1** | **3,8** | **3,8** | **3,6** | **3,6** | **3,4** | **0,3** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,9** | **6,8** | **7,2** | **9,6** | **7,9** | **5,2** | **5,3** | **4,3** | **1,1** | **5,8** | **3,4** | **2,9** | **2,5** | **1,8** | **1,5** | **0,7** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 11,9 | 4,8 | 11,0 | 24,6 | 13,0 | 4,7 | 2,5 | -2,6 | -8,7 | 2,3 | 6,4 | 7,9 | 8,3 | 7,6 | 9,6 | 1,1 |
| Биринҷ | 2,1 | -7,5 | -5,7 | -1,2 | 1,7 | 9,1 | 15,9 | 21,6 | 54,1 | 54,8 | 45,3 | 38,0 | 40,0 | 36,6 | 35,7 | 2,0 |
| Орд | 4,9 | 8,8 | 18,0 | 38,3 | 18,3 | 2,8 | -4,8 | -12,6 | -30,1 | -14,8 | -7,3 | -1,5 | -1,3 | -2,2 | 0,2 | -0,3 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 6,8 | 15,3 | 9,8 | 0,3 | -2,4 | -0,8 | 0,0 | -0,2 | 5,3 | 6,8 | 3,8 | 3,2 | 3,6 | 6,0 | 7,1 | 1,4 |
| Гӯшти гов | 2,4 | 15,1 | 7,7 | -4,9 | -8,5 | -4,8 | -3,6 | -2,5 | 6,5 | 9,3 | 5,7 | 4,9 | 6,4 | 9,0 | 10,9 | 1,7 |
| Тухм | 1,3 | -24,0 | -21,2 | -12,1 | 17,4 | 43,1 | 48,3 | 40,4 | 19,6 | 0,3 | -30,6 | -25,8 | -19,5 | -21,9 | -33,1 | -6,2 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 7,7 | 23,6 | 23,9 | 25,4 | 25,4 | 28,8 | 14,7 | 8,6 | 5,2 | 2,2 | 6,4 | 6,8 | 6,3 | 6,2 | -0,8 |
| Шир | 0,9 | 4,0 | 15,4 | 21,3 | 11,6 | 20,4 | 23,2 | 18,5 | 8,9 | 6,7 | 3,5 | 0,8 | 1,5 | 0,1 | -1,6 | -2,6 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 3,2 | 20,5 | 12,4 | 4,3 | -2,7 | -10,6 | -11,3 | -11,2 | -28,9 | -22,7 | -24,5 | -21,9 | -21,7 | -21,7 | -17,3 | 0,2 |
| Меваҷот | 3,3 | -6,6 | -8,3 | -6,1 | -8,8 | -6,9 | -5,8 | 1,5 | 13,9 | 28,8 | 33,1 | 34,0 | 35,0 | 28,2 | 25,5 | 3,3 |
| Сабзавот | 7,3 | 11,6 | 6,3 | 1,8 | 14,9 | 12,1 | 14,8 | 23,1 | 17,1 | 18,1 | 0,0 | -5,5 | -11,6 | -13,8 | -14,9 | 0,9 |
| Шакар | 1,6 | 4,3 | 6,9 | 22,0 | 12,0 | 6,2 | 2,0 | -9,1 | 8,3 | 18,2 | 27,6 | 29,9 | 32,8 | 32,9 | 24,4 | -0,6 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 2,2 | 0,6 | 2,6 | 5,5 | 14,6 | 14,0 | 13,4 | 13,1 | 10,9 | -5,2 | -3,8 | -11,6 | -10,1 | -8,1 | -8,1 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **3,3** | **3,3** | **3,5** | **6,7** | **5,5** | **6,0** | **6,7** | **6,5** | **2,7** | **5,7** | **10,4** | **9,7** | **9,0** | **7,4** | **-1,5** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,5** | **5,7** | **6,2** | **6,0** | **5,9** | **2,9** | **2,8** | **1,5** | **0,5** | **0,8** | **2,0** | **2,0** | **3,0** | **3,0** | **3,0** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **7,8** | **6,3** | **6,6** | **4,7** | **3,9** | **4,1** | **3,5** | **4,5** | **6,0** | **6,6** | **5,8** | **5,8** | **6,0** | **5,6** | **0,1** |
| Либос ва пойафзол | 9,6 | 3,2 | 2,4 | 3,4 | 2,5 | 4,0 | 4,1 | 4,3 | 5,5 | 7,3 | 6,0 | 5,4 | 5,2 | 5,1 | 4,7 | 0,2 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 1,1 | 6,8 | 7,8 | 8,3 | 7,9 | 3,8 | 4,2 | 2,9 | 5,8 | 5,4 | 5,5 | 4,8 | 4,6 | 7,4 | 6,4 | 0,0 |
| Моводи шустушӯй | 0,4 | 5,2 | 5,1 | 13,6 | 17,9 | 22,6 | 24,9 | 24,2 | 14,7 | 4,6 | -1,5 | -3,2 | -1,7 | -1,3 | -1,5 | -0,2 |
| Доруворӣ | 1,5 | 4,2 | 7,4 | 8,7 | 10,3 | 11,2 | 7,0 | 5,1 | 11,5 | 9,4 | 13,2 | 12,5 | 12,4 | 11,8 | 10,0 | 0,2 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 4,3 | 54,6 | 33,2 | 18,1 | -3,8 | -21,2 | -25,1 | -26,9 | -19,2 | -2,9 | 19,5 | 22,9 | 23,1 | 23,6 | 24,2 | -0,2 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 0,2 | 2,7 | 5,1 | 4,7 | 1,5 | -1,7 | 3,1 | 1,1 | -0,9 | -0,8 | 8,3 | 10,2 | 10,4 | 12,5 | 13,5 | -0,5 |
| Васоити нақлиёт | 0,6 | 4,0 | 1,5 | 1,5 | 1,6 | 1,1 | 0,1 | 0,1 | 0,7 | 13,2 | 12,7 | 12,6 | 12,7 | 12,7 | 12,7 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,7 | 4,1 | 3,2 | 3,1 | 4,9 | 5,4 | 5,3 | 4,8 | 3,7 | 3,5 | 2,5 | 2,4 | 2,3 | 3,4 | 3,4 | 0,0 |
| **Хизматрасониҳо** | **19,3** | **11,5** | **9,9** | **8,4** | **1,3** | **2,0** | **1,9** | **2,1** | **2,7** | **3,6** | **1,2** | **3,0** | **3,2** | **4,6** | **4,8** | **0,0** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 4,5 | 13,2 | 10,1 | 5,2 | -5,3 | 4,4 | 3,2 | 4,3 | 7,5 | 9,1 | 1,7 | 9,2 | 9,2 | 9,6 | 9,6 | -0,1 |
| Иҷорапулии манзил | 0,6 | -0,9 | 3,7 | 4,5 | 5,9 | 7,0 | 8,0 | 3,2 | 3,2 | 2,7 | 1,2 | 1,7 | 2,2 | 2,2 | 2,3 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 1,0 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,7 | 1,1 | 1,1 | 1,1 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 1,9 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,7 | 17,7 | 0,3 | 14,8 | 14,8 | 14,8 | 14,8 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 0,5 | 66,6 | 44,4 | 13,1 | -23,7 | -29,6 | -46,8 | -42,2 | -34,6 | -4,4 | 27,0 | 58,9 | 55,1 | 55,5 | 59,6 | -1,0 |
| Нақлиёт | 2,0 | 22,4 | 19,5 | 19,2 | 9,3 | -1,2 | 0,5 | -0,2 | -1,8 | -3,2 | -4,2 | -5,2 | -3,6 | -2,1 | -1,5 | -0,2 |
| Алоқа | 0,6 | -0,7 | -0,7 | -0,6 | -0,7 | -0,7 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,0 | -1,4 | -1,4 | -1,4 | -1,3 | 0,0 |
| Маориф | 1,5 | 8,2 | 8,2 | 8,3 | 0,7 | 1,4 | 1,4 | 1,3 | 1,2 | 3,6 | 3,1 | 3,6 | 3,6 | 3,6 | 3,6 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 2,6 | 0,3 | 1,1 | 2,1 | 2,1 | 2,0 | 1,9 | 1,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 3,5 | 3,7 | 3,7 | 3,7 | 0,0 |
| Маишӣ | 5,4 | 2,8 | 3,2 | 4,1 | 4,5 | 5,0 | 3,9 | 3,9 | 3,5 | 4,3 | 4,8 | 6,4 | 6,3 | 6,6 | 6,8 | 0,4 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи махсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо